Бо қарори Шӯрои олимони
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон
Суратҷаласаи №05/6.15
«_27_» декабри 2025 с.

«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
____________ Сатторзода Б.А.
«27» декабри __________ 2025 с.

# ОИННОМАИ
# ПАРКИ ТЕХНОЛОГИИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе - 2025**

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Маркази инноватсионии «Парки технологии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (минбаъд Парки технологӣ) қисми таркибии сохтори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи парки технологӣ” аз 21 июли соли 2010 таҳти №629 ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ №10/6.1 аз 30 апрели соли 2018 ва фармоиши ректори Донишгоҳ № аз 11 майи соли 2018 таъсис дода шуда, минбаъд фаъолияти худро дар асоси Оинномаи мазкур ба роҳ мемонад.

1.2. Номи пурраи Парки технологии ДДМИТ:

– ба забони тоҷикӣ: **Парки технологии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;**

– ба забони русӣ: **Технологический Парк Таджикского государственного финансово-экономического университета;**

– ба забони англисӣ: **The Tajik State University of Finance and Economics Technological Park;**

Минбаъд дар матн Парки технологӣ номида мешавад.

1.3. Суроғаи ҳуқуқии мақомоти роҳбарикунандаи доимоамалкунандаи Парки технологӣ 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/4 мебошад.

1.4. Муассиси Парки технологӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

1.5. Парки технологӣ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро маъқул донистааст, Оинномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастури амал қарор медиҳад.

1.6. Парки технологӣ фаъолияти худро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳолати зарурӣ берун аз он ба амал мебарорад.

1.7. Парки технологӣ ҳуқуқ дорад, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он филиалҳо ва намояндагиҳо таъсис диҳад.

1.8. Парки технологӣ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, дорои амволи махсус, баланси мустақил буда, ҳақ дорад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии

шахсӣ ба даст орад, уҳдадор бошад, шартномаҳо бандад, дар суд ба сифати даъвогар ва ҷавобгар баромад намояд, дар муассисаҳои бонкӣ ҳисоби пардохтӣ ва дигар ҳисобҳо, аз он ҷумла ҳисоби асъорӣ дошта бошад, муҳри доирашакл бо номи худ, муҳрҳо, нишон, бланкҳо, рамзҳо ва дигар реквизитҳое, ки тибқи тартиби муқарраргардида тасдиқ карда мешаванд, дошта бошад.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ

2.1. Мақсадҳои асосии Парки технологӣ аз инҳо иборат мебошанд:

– рушд додани фаъолияти инноватсионии донишгоҳ бо мақсади амалӣ намудани ақидаҳои таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва нерӯи зеҳнӣ дар соҳаи технологияи муосир;

– ташкил ва татбиқи барномаҳои инноватсионии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

– мусоидат намудан ба пешрафти технологияи муосир ва омӯзишӣ;

– татбиқи стандартҳои байналмилалӣ оид ба омӯзиш, илм ва технология;

– мусоидат дар бунёди усулҳои навин ва муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҷалби шунавандагон, устодону донишҷӯён, умуман нерӯҳои илмию зеҳнии донишгоҳ ва берун аз он дар самти амалигардонии дастовардҳо, ғояҳои илмӣ, технологӣ ва инноватсионӣ.

2.2. Вазифаҳои асосии Парки технологӣ инҳоянд:

- ҷорӣ намудани натиҷаҳои ниҳоии тадқиқоти илмӣ дар истеҳсолот ва хадамот;

- мусоидат намудан ба раванди воридоти технологияҳои муосир ва пайдо намудани усулҳои навгонии иқтисодӣ;

- ҳавасмандгардонии қобилиятҳои зеҳнӣ баҳри таҳия ва ҷорӣ намудани технологияи аълосифат дар истеҳсолот ва бахшҳои хизматрасонӣ;

- мусоидат намудан дар татбиқи таҳқиқоти бунёдӣ, амалӣ дар истеҳсолот, ҷорӣ кардани раванди пайдарҳамии татбиқи таҳқиқотҳои кормандону донишҷӯён ва унвонҷӯён дар истеҳсолот дар доираи Парки технологӣ;

- мусоидат намудан дар таъмини дастрасӣ ба навгониҳои муосир дар давраи таҳсил, фаъолияти меҳнатӣ ва ҷараёни бурдани тадқиқоти илмӣ;

- баланд бардоштани сатҳи дониш ва маҳорати техникиву технологии шунавандагон, донишҷӯён, унвонҷӯён ва ҳайати профессорону

устодон дар соҳаи технологияи муосир.

## 3. НАМУДҲОИ АСОСИИ КОРҲОИ ИҶРОШАВАНДА ДАР ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ

3.1. Барои ноил гардидан ба мақсад ва вазифаҳои Оинномавӣ Парки технологӣ метавонад фаъолияти зеринро анҷом диҳад:

- дар муассисаҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ҳисобҳои пардохтӣ ва дигар суратҳисобҳо кушояд;
- озодона дар бораи фаъолияти худ иттилоот интишор намояд;
- ба иттиҳодҳо ва ассотсиатсияҳои иттиҳодияҳои истеҳсолӣ шомил шавад;
- мутобики қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ ва илмию омӯзишӣ машғул шавад;
- истифода намудани маблағҳои худӣ ё ҷалбшуда дар лоиҳаҳои илмию техникӣ, аз ҷумла, ташкил намудани хадамот ё истеҳсолоти мустақил, корхонаҳо ё ширкатҳои муштарак;
- равона кардани нерӯи илмии устодон, ходимони илмӣ барои ҳалли масъалаҳои муҳими соҳаҳои гуногуни истеҳсоли маводҳои ба талаботи муосир мувофиқбуда;
- ҷалб намудани коршиносони (экспертҳои) мустақил, олимон-таҳкиқгарон, омӯзгорон, ходимони ҷамъиятӣ бо мақсади андешидани тадбирҳо оид ба омӯзиш ва истифодаи технологияҳои пешкадам;
- таъсис додани марказҳои омӯзишӣ, коркард ва муҳофизати моликияти зеҳнӣ, усулҳои хадамотӣ ва тиҷоратӣ (бизнес-инкубатор) барои шунавандагон, донишҷӯён ва ҳайати профессорону устодон;
- ҳавасмандгардони қобилияти зеҳнӣ баҳри таҳия ва ҷорӣ намудани технологияи муосир дар истеҳсолоту омӯзиш;
- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир;
- ба сафарҳои хизматӣ фиристодани мутахассисон ва кормандони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои таҳсил намудан ва мубодилаи таҷриба гирифтан дар соҳаҳои истеҳсолӣ, технологияи муосир ва омӯзиш;
- харидорӣ намудани ҳуқуқҳои зеҳнӣ (авторские права) ба намудҳои истеҳсолӣ, барномавӣ ва технологӣ (ноу-хау) аз манбаъҳои дорои онҳо ва новобаста аз шакли моликият;

- тартиб намудани хадамоти хизматрасонӣ (сервисное обслуживание), хадамоти баъдифурӯшӣ (постсервисное обслуживание) ва марказҳои гузаронидани онҳо бо хусусияти фурӯшии маҳсулоти Парки технологӣ;

- гирифтани ҳамагуна иттилоот, ба истисснои маълумотҳои дорои сирри давлатӣ аз ҳамагуна манбаъҳо новобаста аз шакли моликият;

- доир намудани ҳамоишҳои мухталифи илмӣ, аз қабили конференсияҳо, конгрессҳо, симпозиумҳо, семинарҳо, намоишҳои байналмиллалӣ ва иштирок дар ин гуна чорабиниҳо;

- ташкил додани бонки автоматикунонидашудаи маълумот оид ба талаботи инноватсионӣ ва имкониятҳои корхона ва ширкатҳо;

- ташкил додани нашрияи иттилоотию инноватсионии Парки технологӣ дар назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

- гузаронидани амалиёти истеҳсолӣ, сохтмонӣ, хариду фурӯш, илмию тадқиқотӣ ва хизматрасонӣ барои васеъ намудани доираи фаъолияти Парки технологӣ;

- ҷалб намудани донишҷӯёну унвонҷӯён, профессорону омӯзгорон ва шунавандагон барои ҳамгироии илму истеҳсолот, хадамот, тарғибот (реклама), корҳои чопӣ, омӯзиш, менеҷмент ва маркетинг;

- ҷалб намудани мутахассисон ва ташкилотҳои хориҷӣ ва дар асоси он рушд додани ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ ва иқтисодии байналмиллалӣ;

- ба роҳ мондани муносибатҳои шартномавӣ бо дигар шахсони ҳуқуқӣ, давлатӣ ва ғайра, инчунин анҷом додани дигар амалҳое, ки ба мақсадҳои фаъолияти Оинномавӣ, санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазифаҳои асосии Парки технологӣ мутобиқат мекунанд.

## 4. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ

4.1. Бо мақсади ҷамъ намудани захираҳои молиявӣ, рушди заминаи моддию техникӣ, барои амалӣ намудани фаъолияти Оинномавӣ, Парки технологӣ ҳуқуқ дорад:

- фаъолияти даромаднок анҷом диҳад, шартномаҳо бандад, аз он ҷумла шартномаҳои меҳнатӣ, ҳамагуна дигар муомилотеро, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, анҷом диҳад ва даромад ба даст оварад;

- воҳидҳои сохторӣ, ҳайати маъмурӣ, гурӯҳҳои муваққатӣ, марказҳои хадамотӣ, таълимӣ, варзишӣ ва дигар намудҳои сохторӣ, ки барои амалӣ намудани фаъолияти Оинномавии он заруранд, таъсис диҳад;

- тибқи тартиби муқарраргардида иншоот, таҷҳизот, воситаҳои

нақлиёт ва дигар амволро харидорӣ намояд, ба иҷора гирад ва ба иҷора диҳад;

- ҳамагуна муомилотеро, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад, анҷом диҳад, ба зиммаи худ уҳдадориҳо гирад, ба шахсони сеюм ваколатномаҳо диҳад;

- бо корхонаҳои истеҳсолӣ, саноатӣ, ширкатҳои хусусӣ, марказҳои илмӣ ҳамкории мунтазам ва судманд анҷом диҳад.

- таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ, рушди технологияҳо, коркарди маҳсулоти нав, таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ, азхудкунии малакаҳои эҷодӣ, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид ва дастгирии кадрҳо, аз ҷумла ҷалби мутахассисон, барои рушди соҳаи инноватсия таъсис диҳад.

- фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ анҷом диҳад;

4.2. Парки технологӣ уҳдадор аст:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;

- фаъолияти худро мувофиқи мақсад ва вазифаҳои пешбининамудаи ин Оинномa анҷом диҳад;

- ҳисоботи оморӣ ва муҳосибавиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад.

4.3. Даромадҳои Парки технологӣ танҳо барои ноил гардидан ба мақсадҳои Оинномавӣ сарф карда мешаванд.

4.4. Парки технологӣ барои фаъолияте, ки иҷозатномаро талаб мекунад бо тартиби муқаррарнамудаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият литсензияҳо (иҷозатномаҳо) мегирад.

4.5. Парки технологӣ ҳуқуқ дорад бидуни мақсадҳои ба даст овардани фоида аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии Тоҷикистон ва хориҷӣ маблағҳои молиявӣ, молу мулки манқул, ғайриманқул, таҷҳизот, моликият ва арзишҳои моддиро ройгон барои амалӣ намудани мақсадҳо ва вазифаҳои Оинномавӣ ҳамчун моликият ё барои истифода гирад.

4.6. Даромадҳои Парки технологӣ, инчунин маблағҳо, молу мулки манқул, ғайриманқул, таҷҳизот, моликият ва дигар арзишҳои моддии бадастовардаи Парки технологӣ наметавонанд байни кормандони он, аъзои оилаҳои онҳо тақсим гарданд ва ба манфиати шахсони алоҳида истифода бурда шаванд. Даромадҳо ва маблағҳои зикргардидаи Парки технологӣ танҳо барои фаъолияти Оинномавӣ, татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳо истифода мешаванд.

## 5. СОХТОРИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ

5.1. Сохтори Парки технологӣ ва тағйирот дар он дар асоси карори Шурои олимони донишгоҳ ва бо тасдиқи ректор ба тасвиб мерасад.

5.2. Низоми асосии сохтори Парки технологӣ инҳо мебошанд:

- мақомоти болоӣ - Шурои илмӣ-техникии Парки технологӣ, ки аз ҷониби муассис интихоб карда мешавад;
- мақомоти иҷроия - Директори Парки технологӣ ва муовини ӯ, ки аз ҷониби Ректори ДДМИТ ба вазифа таъин ва озод карда мешаванд;
- мақомоти назоратӣ - Комиссияи назоратии тафтишотӣ.

5.3. Воҳиди сохторӣ:

Парки технологӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои худ ва иҷро кардани вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда дар тамоми соҳаҳое, ки фаъолияташро дар бар мегирад, гурӯҳҳои муваққатӣ ё соатбайъ (шартномавӣ) ё дигар намуди фаъолият, ки йонунгузории меҳнат манъ накардааст, барпо менамояд.

## 6. МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ:

6.1. Амалӣ намудани низоми идоракунӣ ва назорати фаъолияти Парки технологӣ аз ҷониби мақомоти зерин таъмин карда мешавад:

- Мақомоти болоии идоракунии Парки технологӣ Шурои машваратии илмӣ-техникии Парки технологӣ мебошад.
- Сардори Шурои машваратӣ Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.
- Директори Парки технологӣ муовини Сардори Шурои машваратӣ мебошад.
- Намояндаи Вазорати молия, Вазорати маориф ва илм, хадамоти гумрук, кумитаи андоз, Ҳукумати шаҳру ноҳияҳо ва дигар сохторҳои давлатӣ бо пешниҳоди Сардори Шурои машваратӣ ба он аъзо шуда метавонанд.
- Шурои машваратӣ аз ҷониби Ректори донишгоҳ дар як сол на кам аз як маротиба даъват карда мешавад.
- Дар ҳолатҳои зарурӣ Сардори Шурои машваратӣ бо ташаббуси худ ва ё дар асоси дархости Директори Парки технологӣ Шурои машваратии ғайринавбатиро даъват менамояд.

6.2. Салоҳияти истиснoии Шурои машваратӣ:

- ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оинномаи Парки технологӣ;

- муайян намудани моҳият ва мақсадҳои фаъолият, инчунин таъиноти Парки технологӣ;

- интихоб ва бозхонди Комиссияи назоратии тафтишотӣ;

- тасдиқи нақшаҳои дурнамои фаъолияти Парки технологӣ;

- тасдиқ намудани лоиҳаҳои техникӣ;

- тартиби аз навташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Парки технологӣ;

- таъин намудани комиссияи барҳамдиҳӣ, тасдиқи баланс ва харҷнома (смета)-и барҳамдиҳӣ.

6.3. Сардори Шурои машваратии Парки технологӣ ҳуқуқ дорад ҳалли ҳамагуна масъаларо ба ӯҳдаи худ гирад, агар ин масъала ба салоҳияти истисноии дигар мақомот вогузор нашуда бошад.

6.4. Салоҳиятҳои мақомоти иҷроияи Парки технологӣ:

- Муҳлати ваколатҳои Директори Парки технологӣ маҳдуд карда намешавад.

6.5. Директори Парки технологӣ:

- ба Шурои машваратии Парки технологӣ дар як сол на кам аз як маротиба ҳисобот медиҳад;

- иҷрои карорҳои Шурои машваратиро таъмин менамояд;

- бе ваколатнома дар доираи ваколатҳои ба ӯ додашуда ҳама амалҳоро аз номи Парки технологӣ анҷом медиҳад;

- манфиатҳои Парки технологиро намояндагӣ мекунад;

- молу мулки Парки технологиро бо қарори Шурои машваратӣ ихтиёрдорӣ менамояд;

- дар бонкҳо суратҳисобҳо кушояд, аз ҷумла суратҳисобҳои асъорӣ, фармонҳои иҷрояшон ҳатмибударо интишор намояд;

- ҳайати штатии Парки технологиро ташкил диҳад ва дигар амалҳоеро, ки хилофи қонунгузории амалкунанда намебошанд, иҷро намояд.

6.6. Директори Парки технологӣ ҳуқук дорад расми хос (логотип), шакли ҳуҷҷатҳои хос ва дигар рамзҳои шиносоӣ тартиб диҳад.

6.7. Тақсими вазифаҳо байни Директор ва муовини директор бо тасдиқи Сардори Шурои машваратӣ аз ҷониби Директор ба амал бароварда мешавад.

6.8. Санадҳои аз ҷониби Директори парки технологӣ ва ё муовини ӯ қабулгардида, ки хилофи қонун мебошанд, аз ҷониби Ректори ДДМИТ бекор карда мешаванд.

6.9. Дар вақти набудани Директор вазифаҳои ӯ аз ҷониби муовини Директор иҷро мегардад.

6.10. Минбаъд дар назди Парки технологӣ кушодани чунин

бахшҳо дар назар дошта мешавад: технологӣ, озмоишгоҳӣ, инноватсионӣ, бахши дархостҳои истеҳсолию хадамотӣ, хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, гумрукӣ, андозӣ, ташкили курсҳои омӯзишӣ-таълимӣ (ҳузурӣ ва маҷозӣ), ҳамкорӣ бо корхонаҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ, қабули фармоишҳо доир ба таҳияи барномаҳои компютерӣ, варзишӣ-фароғатӣ ва ғайра.

6.11. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳайати кормандони Парки технологӣ дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоидаҳои тартиботи дохилии муқаррарнамудаи муассис ва дастурамали вазифавии аз тарафи Сардори Шурои машваратӣ тасдиқгардида муайян карда мешавад.

6.12. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзоёни гурӯҳи илмию эҷодии муваққатии Парки технологӣ, ки барои иҷро намудани корҳои шартномавӣ қабул карда шудаанд, аз рӯи шартномаи меҳнатӣ, ки мувофиқи нишондоди Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи намунавӣ оид ба ташкил ва фаъолияти Парки технологии муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ва илмии соҳаи маориф аз 31 майи соли 2011 тасдиқ гардидааст, муқаррар карда мешавад.

6.13. Қабули кормандон ба Парки технологӣ мувофиқи муқаррароти қонунгузориҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

## 7. МОЛИКИЯТ ВА ВОСИТАҲОИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ

7.1. Парки технологӣ бо мақсади таъмин намудани фаъолияти худ иншоот, биноҳо, иншооти хоҷагидорӣ, техника ва таҷҳизоти барои ӯ ҷудошударо истифода намуда, онро мувофиқи Оинномаи Парки технологӣ ва Низомномаи намунавии Вазорати маориф ва илм истифода мебарад.

7.2. Моликияти Парки технологӣ аз инҳо иборат мебошад:

- фондҳои асосӣ, маблағҳои гардон, инчунин дигар маблағҳои молиявие, ки дар баланси муҳосибавии Парки технологӣ инъикос карда мешаванд.

7.3. Манбаъҳои ташаккули молу мулки Парки технологӣ инҳоянд:

- воридот аз фаъолияти даромадноке, ки мутобиқи мақсадҳои Оинномавии Парки технологӣ ва қонунгузории амалкунанда анҷом дода мешавад;
- пардохти ихтиёрии пулӣ ва саҳмияҳои дигар, ки хайрияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии ҷумҳурӣ, аз он ҷумла муассис, инчунин шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии кишварҳои хориҷӣ барои татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои Парки технологӣ ҷудо кардаанд;
- манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

7.4. Фаъолият ва нигоҳдории Парки технологӣ аз ҳисоби даромадҳои худӣ, маблағҳои махсуси муассис, грантҳои ташкилотҳои ҷудогонаи байналмилалӣ, хайрияҳои ташкилоти гуногун дигар сарчашмаҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онро манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

7.5. Даромадҳои аз фаъолияти истеҳсолию хоҷагии Парки технологӣ бадастомада барои ноил шудан ба мақсадҳои Оинномавии Парки технологӣ истифода мегарданд.

7.4. Маблағҳои Парки технологӣ барои инҳо истифода мешаванд:

- иҷрои мақсадҳои Оинномавии Парки технологӣ;
- пардохти музди меҳнати кормандони Парки технологӣ;
- харидории молу мулки барои фаъолияти Парки технологӣ зарурбуда;
- мақсадҳои хайрия, ҳатто агар ин дар Оинномаи Парки технологӣ зикр нагардида бошад ҳам;
- хароҷоти дигари барои фаъолияти Парки технологӣ зарурбуда, ки хилофи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд.

## 8. НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ

8.1. Мақоми ваколатдори давлатии назорати фаъолияти Парки технологӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

8.2. Тафтишоти фаъолияти молиявӣ ва хоҷагии Парки технологиро Комиссияи назоратии тафтишотӣ, ки Шурои машваратии Парки технологӣ интихоб менамояд, анҷом медиҳад.

8.3. Шумораи аъзоёни Комиссияи назоратии тафтишотӣ ва мӯҳлати ваколатҳои онҳоро Сардори Шурои машваратӣ муқаррар менамояд. Директор ва муовини Директор аъзои Комиссия буда наметавонанд.

8.4. Комиссияи назоратии тафтишотӣ тафтиши ҳарсолаи нақшавиро мегузаронад ва аз натиҷаи тафтиш дар назди Шурои машваратӣ ҳисобот медиҳад.

8.5. Бо қарори Шурои машваратии Парки технологӣ метавонанд тафтишот ва санҷишҳои ғайринақшавӣ гузаронида шаванд.

8.5. Ҳамаи кормандони Парки технологӣ вазифадоранд бо дархости Комиссияи назоратии тафтишотӣ иттилоот ва ҳуҷҷатҳои заруррӣро пешниҳод кунанд.

## 9. ТАРТИБИ АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ

9.1. Азнавташкилдиҳӣ (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) бо қарори Шурои машваратии Парки технологӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

9.2. Парки технологӣ метавонад бо қарори Шурои машваратии Парки технологӣ, инчунин дар ҳалатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шавад.

9.3. Шурои машваратии Парки технологӣ, ки дар бораи барҳамдиҳӣ қарор қабул намудааст, комиссияи барҳамдиҳиро таъин менамояд, мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб ва мӯҳлати барҳамдиҳиро муқаррар мекунад.

9.4. Молу мулки Парки технологӣ, ки баъди қонеъгардонии талаботи кредиторон боқӣ мондааст, бо қарори мақомоти салоҳиятдор барои мақсадҳое, ки Оиннома пешбинӣ намудааст, истифода мегардад.

1.1. Қарор дар бораи барҳамдиҳии Парки технологӣ ба мақомоте, ки Парки технологиро ба қайд гирифтааст, барои хориҷ кардани он аз феҳристи ягонаи шахсони ҳуқуқӣ, фиристода мешавад.

## 10. ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА ОИННОМАИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ

10.1. Тағйиру иловаҳо ба Оиннома аз ҷониби Шурои машваратии Парки технологӣ қабул карда мешаванд.

## 11. АНДОЗБАНДИИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ

11.1. Парки технологӣ мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи ғайритиҷоратӣ андозбандӣ карда мешавад.